Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-
014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе,
кӯчаи Нахимова 64/14)

**Тақризи**

**муқаррризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Умаров Ҳоҷамаҳмад ба диссертатсияи Ҷулиев Музаффар Ҳалимович дар мавзуи "Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии таъмини ҳамгироии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз).**

1. **Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Масъалаҳои илмиии рисолаи Ҷулиев Музаффар Ҳалимович ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз): 9.2. Стратегияи ҳамгироии иқтисодиёти Тоҷикистон ба системаи муносибатҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ ва системаи пулию қарзии ҷаҳонӣ. 9.3. Рушди инфрасохтори муносибатҳои қарзӣ, фишангҳо, шаклҳо ва методҳои муосири пешниҳоди қарз. 10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ. 10.3. Проблемаҳои таъмини ҳамоҳангии макросиёсат ва микроравиши пулию қарзӣ ва бонкӣ нисбат ба рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 10.5. Устувории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стратегияи рушди он. 10.6. Рақобати байнибонкӣ. 10.7. Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бонкҳо бо иштироки давлат, бонкҳо бо иштироки хориҷиён, инчунин бонкҳои минтақавӣ. 10.9. Вижагии маблағгузории бонкҳо ба фаъолияти сармоягузории корхонаҳои соҳаҳо ва шаклҳои дорои ташкилию ҳуқуқии гуногун. 10.13. Проблемаҳои арзёбӣ ва таъмини эътимоднокии бонк. 11.10. Принсипҳои назорати самараноки бонкӣ ва татбиқи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Методология ва методикаи амалисозии назорати бонкӣ мувофиқат мекунад.

2. **Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон яке аз масъалаҳои асосие, ки ҳамеша дар маркази диққати ҳукумати кишвар қарор дорад ва пайи татбиқи он кӯшишҳо карда мешавад, масоили мубрами ҳамгироии бахши бонкӣ ва иқтисод мебошад, ки дар заминаи ин самаранокии фаъолияти тарафайн таъмин карда мешавад. Як қатор омилҳо ва масъалаҳои муҳим аз интихоби мавзуъ сар карда, то коркардҳои муаллиф дар самти ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии таъмини ҳамгироии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон муҳим, актуалӣ ва зарурӣ мебошанд.

Илова кардан зарур аст, ки иқтисодиёт ва низоми бонкӣ дар ҳама шароит ин ду унсури ба ҳам алоқамнд буда, онҳо якдигарро пурра ва рушди байниҳамдигарии худро таъмин менамоянд. Албатта дар шароити бесубот гардидани иқтисодиёт таъсири омилҳои манфь ба ин ду сохтори муҳим зиёд гардад ҳам, ягона роҳи баромадан аз чунин вазъияти душвор ҳамгироиии дурусти бахшҳои иқтисодӣ бо низоми бонкӣ ва баръакс мебошад. Ба ин хотир муаллиф кӯшиш намудааст, ки дар доираи имкониятиҳои мавҷуд ва маълумотҳои дардастдоштаи худ вобаста ба ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии таъмини ҳамгироии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон аҳамият дода ин масъаларо баррасӣ намудааст.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада.**

Дар самти таҳқиқотҳои илмӣ дастоварди муҳими кори диссертатсия ин навгониҳои илмӣ мебошанд, ки дар он тамоми муваффақиятҳо ва дастовардҳои таҳқиқотчӣ инъикос меёбанд. Дар навгониҳои илмии Ҷулиев Музаффар Ҳалимович низ дастовардҳои унвонҷӯ дар шакли фишурда инъикос ёфтаанд ва пешниҳодҳои зерини ҳамчун навгонии илмӣ мебошан:

- навгонии якуми илмии муаллиф вобаста ба занҷираҳои таҳқиқотӣ ба сарчашмаҳои назариявӣ ва методоии сарчашмаҳои ташаккули бонкҳо дар ҷомеаи иқтисодӣ, моҳияти иқтисодии бонкҳо вобаста ба тағйироти иқтисодӣ таҳлил ва арзёбӣ гардида, як қатор сарчашмаҳои илмӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, хулосаҳои мушаххас бароварда шудааст;

- барои баррасии дурусти мавзуи таҳқиқшаванда асосҳои иқтисодии таъсири низоми бонкӣ ба бахши воқеии иқтисодиёти Тоҷикистон таҳлил гардида, марҳалаҳои рушди низоми бонкӣ дар замони соҳибистиқлолӣ

мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз тарафи муаллиф як қатор таҳлилҳои ҳадафманд анҷом гардидаанд, ки муваффақиятҳои муаллифро инъикос менамояд;

- як нуқтаро дуруст арзёбӣ намудан мувофиқи мақсад аст, ки муаллиф ташаккули низоми нави бонкиро баъд аз соли 2015 дар Тоҷикистон таҳлил намуда, дар заминаи ин таъсири ҳамоҳангии ташкилотҳои қарзӣ ба иқтисодиётро муайян ва бо ин роҳ иқтидори захиравии бонкҳо ва дигар институтҳои молиявиро маълум намудааст;

- дар навгонии чоруми илмӣ муаллиф мушаххас намудан таъсири бахши институтсионалии низоми молиявию бонкии кишвар дар пешрафти иқтисодӣ ва ҳангоми муқобилят бо равандҳои ҷаҳонишавӣ муайян гардида, бо иқтидор ва имкониятҳои мавҷудаи низоми бонкӣ сатҳи ҳамбастагӣ ва ҳамвобастагии бонҳо бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон таҳлилу арзёбӣ гардида дар ин самт низ ба таври ҳадафмандона мавқеи муаллиф муайян гардидааст;

- муаллиф ҷиҳати таҳқиқи амиқи масъала равандҳои осебпазирии низоми бонкӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои мавҷудаи низоми бонкиро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, дар сатҳи имконпазир механизмҳои асосии фаъолгардонии ин низомро ба иқтисодиёт пешниҳод ва як қатор нишондиҳандаҳои дигарро таҳқиқ намудааст;

- дар поёни таҳқиқоти илмии худ муаллиф масоили мубрами фаъолгардонии бахши бонкӣ дар рушди иқтисодиётро таҳқиқ намуда, механизмҳои имконпазири ҳамоҳангсозии амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ ба рушди бахши воқеии иқтисодиётро таҳлил намуда пешниҳодҳои ҳадафмандона намудааст.

**4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти анҷомгардидаро пажуҳишҳои илмии олимони дохилию хориҷӣ, қонуну дастуруламал ва низомномаҳои соҳавӣ дар бар гирифта, бо ин восита натиҷаҳои назаррас дар самти тафсиру таъсири низоми бонкӣ ба иқтисоди муайян гардидаанд Ҳамчунин дар ин масъала

ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии рушди нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ба воситаи таҳлили нишондиҳандаҳо роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷуда ба таври назариявӣ ва амалӣ баён гардидаанд.

Дар доираи таҷриба ва нуқтаи назари олимону коршиносон нишондиҳандаҳои айнии бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ таҳлил гардида, натиҷаи назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар параграфҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод карда шудаанд, ки моҳияти ин масъаларо ба пуррагӣ инъикос карда метавонанд. Илова бар ин метавон гуфт, ки дар макотиби олии кишвар таҳқиқоти мазкурро дар доираи фанҳои "Фаъолияти бонкӣ", "амалиётҳои бонкӣ" ва " Муомилоти пулӣ ва қарз" метавон ба донишҷӯён таълим дод.

**5. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Вобаста ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот сохтор ва мундариҷаи диссертатсия муайян карда шуд. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ параграф, хулоса, 2 расм, 17 ҷадвал, 8 диаграмма, рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 178 номгӯй иборат буда, дар ҳаҷми 171 саҳифа таҳия шудааст.

Ҷулиев Музаффар Ҳалимович дар муқаддима мубрамият, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок гардида, ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян карда шуда, муҳимтарин натиҷаҳои илмӣ ва навгонӣ, нуқтаи ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва монанди онҳо инъикос ёфтаанд.

Боби якуми рисолаи илмии Ҷулиев Музаффар Ҳалимович «Асосҳои назариявию методии таҳқиқи рушди низоми бонкӣ ва ҳамоҳангии он бо сатҳи рушди иқтисодиёт", заминаҳои назариявию методии таҳқиқи рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт, моҳият, вижагиҳо ва асосҳои ташкилию иқтисодии таъсири низоми бонкӣ ба рушди бахшҳои иқтисодиёт, марҳалаҳои рушди низоми бонкӣ дар Тоҷикистон ва ҳамоҳангии он бо дигар бахшҳои иқтисодиро дар бар мегирад ва ин масъалаҳо метавонанд мукаммалан қисмати назариявии рисолаи илмиро инъикос намоянд (саҳ 15-48).

Дар ҷомеаи иқтисодӣ яке аз механизмҳои асосие, ки дар доираи он як қатор мушкилотҳои тарафайн ҳалу фасл карда мешаванд, ин ҳамоҳангӣ ё ҳамгироии бахши бонкӣ бо бахшҳои воқеии иқтисодиёт мебошанд. Барои мукаммал баррасӣ намудани ҷанбаҳои назариявии масъалаи мазкур Ҷулиев Музаффар Ҳалимович асосҳои назариявию методии таҳқиқи рушди низоми бонкӣ ва ҳамоҳангии он бо сатҳи рушди иқтисодиёт", заминаҳои назариявию методии таҳқиқи рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт, моҳият, вижагиҳо ва асосҳои ташкилию иқтисодии таъсири низоми бонкӣ ба рушди бахшҳои иқтисодиёт, марҳалаҳои рушди низоми бонкӣ дар Тоҷикистон ва ҳамоҳангии он бо дигар бахшҳои иқтисодиро таҳлилу баррасӣ намуда мавқеи худро бо як қатор дастовардҳои методӣ муаян намудаст. Ҳамзамон бо ин муаллиф аз рӯи зарурият ва ҳиссаи низоми бонкӣ дар рушди иқтисоди миллӣ ва дигар афзорҳои ба ҳамгироии байнисоҳавӣ хос, ташаккул ва рушди низоми бонкиро вобаста ба вижагиҳои онҳо дар шакли ҷадвал пешниҳод намудааст, ки мукаммалии таҳқиқотро нишон медиҳад. (саҳ 20). Бояд иброз дошт, ки дар баррасӣ ва таҳқиқи масъалаи мазкур муалли барои ташкили дурусти муҳити ҳамгироӣ муаллиф дар ҷумҳурии Тоҷикистон муҳити институтсионалӣ ва ниҳодҳои таъсиррасонро дар шакли расм баррасӣ ва пешниҳод намудааст. (саҳ 39). Яке аз муваффақиятҳои унвонҷӯ дар баррасии мавзуи таҳқиқот ва боби якум албатта ин вижагиҳо ва асосҳои ташкилию иқтисодии таъсири низоми бонкӣ ба рушди бахшҳои иқтисодиёт мебошад, ки аз тарафи муаллиф дар шакли фарогир таҳқиқ шудааст ва қобили дастгирӣ мебошад. (саҳ 27-39).

Дар боби дуюми рисолаи илмӣ "Таҳлили вазъи муосири низоми бонкӣ ва ҳамбастагии он бо сатҳи рушди иқтисодиёт дар Тоҷикистон", таҳлили макропруденсиалии вазъи муосири бахши бонкӣ ва бахшҳои дигари иқтисоди миллӣ, шароит ва омилҳои асосии таъмини ҳамоҳангии рушди низоми бонкӣ бо сатҳи рушди иқтисодиёт, афзорҳои макроиқтисодии ҳамоҳангсозии рушди бахшҳои бонкӣ ва воқеии иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамчун қисми таҳлилии рисолаи илмӣ мавриди таҳлил қарор гирифта дар он муаллиф ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

Унвончӯ ҷиҳати мушаххас намудани вазъи макропридунсиалии низоми бонкӣ ва ҳамоҳангии бо дигар шохаҳои иқтисодӣ нишондиҳандаҳои меъёрии устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2022, махсусан кифоягии сармоя, пардохт пазирӣ, даромад нокӣ, сифати сандуқи қарзӣ, хавфи асъорӣ, қарзҳо бо асъори хориҷӣ, пасандозҳо бо асъори хориҷиро барраси намуда ба натиҷаи наззарас ноил гардидааст. (саҳ 61) Ҳамчуунин дар параграфи мазкур таҳлили нишондиҳандаҳои меъёрӣ ва асосии низоми бонкӣ дар солҳои 2014-2022, нишондиҳандаҳои рушди қарздиҳӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт дар солҳои 2010-2022, ҳиссаи фарққунандаи вобастагии меъёри фоизи қарзҳои низоми бонкӣ аз дигар нишондиҳандаҳо дар солҳои 2012-2022 масъалаҳои меҳварии рисолаи илмии муаллиф мебошанд.(саҳ 61-71) Ҳамзамон як ишораи Ҷулиев М.Ҳ. қобили дастгирӣ мебошад, ки он дар боби дуюми рисолаи илмии худ занҷираи ҳамбастагӣ ва ҳамвобастагии низоми бонкӣ бо иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлилу баррасӣ намудааст.(79)

Иброз доштан зарур аст, ки коркардҳои муаллиф аз он нуқтаи назар қобили дастгирӣ мебошанд, ки он дар идомаи таҳқиқоти илмии худ шароит ва омилҳои асосии таъмини ҳамоҳангии рушди низоми бонкӣ бо сатҳи рушди иқтисодиёт, афзорҳои макроиқтисодии ҳамоҳангсозии рушди бахшҳои бонкӣ ва воқеии иқтисодиёти Тоҷикистонро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст, ки ин масъаларо ҳамчун идомаи дастовардҳои муаллифӣ ҳисобидан мувофиқи мақсад мебошад.

Дар боби сеюм "Мукаммалгардонии асосҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми бонкӣ ва бахшҳои иқтисодиёти миллӣ", имкониятҳои татбиқи таҷрибаи хориҷии таъмини ҳамоҳангии рушди низоми бонкӣ ва бахшҳои иқтисодиёт дар ҷумҳурӣ, роҳҳои тақвияти ҳамкории низоми бонкӣ ва бахши воқеии иқтисодиёт дар Тоҷикистон, таҳияи дурнамои ҳамоҳангии рушди бахшҳои молиявию воқеии иқтисод дар Тоҷикистон ва як қатор масъала дигари ба ин масъала хосро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст, ки дар

ошкорнамоии моҳияти мавзӯи интихобгардида мавқеи асосӣ доранд. Ёдовар шудан ба маврид аст, ки муаллиф ҳиссаи низоми бонкиро аз нуқтаи назари таркибӣ дар ММД мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода як қатор пешниҳодҳои ҳадафманд ва мувофиқи мақсад намудааст.(саҳ 101-114)

Ғайр аз ин, роҳҳои тақвияти ҳамкории низоми бонкӣ ва бахши воқеии иқтисодиёт дар Тоҷикистон мавриди баррассӣ қарор дода, вобаста ба вазъиятҳои баамаломада ҳамчун таҷриба як қадор масъалаҳои дахлдорро таҳлил намуда хулоаҳои дахлдор баровардааст. Ҳамчунин дар ҷадвали 3.5 дурнамои имконият ва мушкилоти низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро коркард ва пешниҳод намудааст, ки ин масъала ба мукаммалии анҷоми рисола мусоидати ҳаматарафа менамояд. (саҳ 131).

6. **Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

Иброз доштан зарур аст, ки дар шароити имрӯз масоили мубрамӣ таҳқиқо ва арзишии илмии онро дар сатҳи ҳимояи рисолаҳои илмӣ нӯктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ташкил медиҳанд. Илова бар ин аҳаммияти мустақили назариявӣ ва амалӣ дар таҳияи диссертатсияи тақризшаванда, ки ҳамчун нуктаи ҳимояшаванда мебошанд, инҳоро ташкил медиҳад:

1. Дар ин қисмат сарчашмаҳои назариявӣ ва методоӣ коркарди сарчашмаҳои ташаккули бонкҳо дар ҷомеаи иқтисодӣ, моҳияти иқтисодии бонкҳо вобаста ба тағйироти иқтисодӣ таҳлил ва арзёбӣ гардидаанд, ки дар ин марҳала аз як қатор адабиётҳои дохилию хориҷӣ ба таври васеъ истифода гардидааст;

2. Ҳамзамон бо ин дар қисми дуюми нуқтаи ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф асосҳои иқтисодии таъсири низоми бонкӣ ба бахши воқеии иқтисодиёти Тоҷикистон таҳлил гардида, марҳалаҳои рушди низоми бонкӣ дар замони соҳибистиқлолиро мавриди баррасӣ қарор дода дар доираи як қатор таҳлилҳои муқоисавӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардтидааст;

3. Ҳамчунин муаллиф дар ин қисмат (баъд аз соли 2015) ташаккул низоми нави бонкӣ бо масъалаҳои фарогир дар Тоҷикистонро таҳлил намуда дар заминаи ин таъсири ҳамоҳангии ташкилотҳои қарзӣ ба иқтисодиётро

муаян ва бо ин роҳ иқтидори захиравии бонкҳо ва дигар институтҳои молиявро муаян намудааст, ки чунин тарзи таҳқиқ мувофиқи мақсад мебошад;

4. Вобаста ба вазъияти имрӯза муаллифи рисола мушаххас намудани таъсири бахши институтсионалии низоми молиявию бонкии кишварро дар пешрафти иқтисодӣ ҳангоми муқобилят бо равандҳои ҷаҳонишавӣ муаян намуда иқтидор ва имкониятҳои мавҷудаи низоми бонкӣ сатҳи ҳамбастагӣ ва ҳамвобастагии бонҳо бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистонро таҳлилу арзёбӣ намудааст, ки дар ин ҷода низ таҳлилҳои амиқ, хулосаҳои мушаххас ва як қадор дастоварҳои дигар низ ба даст оварда шудааст;

5. Ҳамчунин барои ба назар гирифтани вазъияти имрӯза муаллифи рисола таъсири як қатор омилҳо ва равандҳои осебпазирии низоми бонкиро аз рӯйи нишондиҳандаҳои мавҷуда таҳлил намуда, дар сатҳи имконпазир механизмҳои асосии фаъолгардонии ин низомро ба иқтисодиёт пешниҳод ва таъсири самаранокии фоизҳоро албатта дар айни замон муайян намудааст, ки тарзи мукаммали он дар боби дуюм ва сеюми рисола пурра дида мешавад;

6. Масъалаи фаъолгардонии бахши бонкӣ дар рушди иқтисодиёт таҳқиқ гардида, механизмҳои имконпазири ҳамоҳангсозии амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ ба рушди бахши воқеии иқтисодиёт баррасӣ ва ҳиссаи ин низом дар ММД таҳлилу арзёбӣ гардидаанд.

7. **Интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

**8.** Дар доираи мавзуи рисола муаллиф якчанд асари илмию таълимӣ, аз ҷумла 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар дигар нашрияҳо чоп кардааст.

**9. Арзёбии моҳияти диссертатсия, сатҳи комилии он, эродҳо доир ба шаклгириии диссертатсия.**

Дар хулосаи рисола ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки дар шароити имрӯз мавзӯи интихобгардида аз ҳама нуқтаи назар муҳим, заруӣ ва актуалӣ буда таҳлилҳо, коркардҳои муаллиф ва дигар хулосаву натиҷаҳои бадастоварда мукаммалӣ ва ба пуррагӣ иҷро гардидани рисолаиро инъикос менамояд. Дар баробари ҳамаи ин бояд, кайд намуд гарчанде дар кори мазкур

дастоварду муваффақиятҳо зиёд бошанд, баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасад, ки асоситарини онҳо иборатанд аз:

1. Дар боби якуми рисола беҳтар мегардид агар муаллиф заминаи бавуҷудоии бонкҳоро аз нуқтаи назари таҳаввулотҳои дар ҷамъият бавуҷудомада мавриди таҳлил қарор медод.

2. Факту рақамҳои баъзе ҷадвалу диаграммаҳо баҳсбарангез буда, аз тарафи муаллиф барои мушаххассозии онҳо асосноккунии иловагиро талаб менамоянд (ҷадвали 2.1,2.2 ва диаграммаи 2.1) .

3.Сифати кор беҳтар мегардид, агар муаллиф хулосаҳои худро дар заминаи факту рақамҳои овардашуда дар шакли дурнамо баён менамуд;

5. Дар рисолаи илмӣ аҳёнан хатогиҳои техникӣ ва стилистикӣ ба назар мерасад.

Бояд иброз намуд, ки эродҳои гирифташуда дар маҷмуъ ҷиддӣ набуда, аксари онҳо хусусияти тавсиявӣ доранд ва ба сифати диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ бо ҳамаи** он марҳилаҳои тавсиявию банақшагирии рисола бо иштироки бевоситаи муаллиф, ба монанди интихоби мавзӯъ, асосноккунӣ ва аҳамият, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот гузаронида шуданд. Муаллиф таҳия ва санҷиши муқаррароти методологиро оид ба ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии таъмини ҳамгироии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон, ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳо, нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ ва бозори молиявиро анҷом дод.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.** Диссертатсия ва автореферати диссертатсияи Ҷулиев Музаффар Ҳалимович дар мавзуи "Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии таъмини ҳамгироии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон " барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) ба талаботи "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати

диссертатсия", ки бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022 таҳти №3 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

10. **Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Иброз доштан зарур аст, ки диссертатсияи Ҷулиев Музаффар Ҳалимович дар мавзуи "Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии таъмини ҳамгироии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон" дар сатҳи зарурии илмӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои "Тартиби додани дараҷаи илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори**
**кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Умаров Х.**

**Суроға: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
Хиёбони Рудакӣ, 17, Душанбе, 734025, **Ҷумҳурии Тоҷикистон**
Тел: ((+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
Факс (+992-37) 227-15-10
Почтаи электронӣ: **info@tnu.tj**

**Дурустии имзои Умаров Ҳ.-ро тасдиқ мекунам,**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**